Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**д.и.и., дотсент, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Аминов Иномҷон ба диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзӯи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мутобиқат мекунад: 1. Рушди назария ва методологияи соҳибкорӣ; таҳияи методикаи ташкили фаъолият дар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ; 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ; 20. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; 23. Самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани онҳо.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Рушди устувори иқтисоди миллӣ имрӯз бе такмили фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар соҳаи истеҳсолот, ғайримумкин аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати бозорӣ, Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳои рӯ ба рушд ниёз дорад, ки механизмҳои ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолиро мутобиқ ба талаботи замон гардонад. Ин масъала дар бахши аграрии иқтисодиёт, ки яке аз пояҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар маҳсуб мешавад, аҳаммияти хоса дорад.

Бахши аграрӣ на танҳо бо таъмини амнияти озуқаворӣ, балки бо фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва рушди минтақаҳои деҳот нақши калидӣ мебозад. Аммо фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар ин бахш то ҳол бо мушкилоте чун дастрасии маҳдуд ба сармоя, татбиқи технологияҳои нав, норасоии инфрасохтор ва

сатҳи пасти идоракунии инноватсионӣ рӯбарӯ мебошад. Барои бартараф кардани ин монеаҳо, такмили механизми ташкилию иқтисодӣ зарур аст, ки ҳам аз ҷиҳати сохторӣ ва ҳам аз ҷиҳати функсионалӣ ҷавобгӯи воқеияти иқтисоди муосир бошад.

Механизми ташкилию иқтисодӣ маҷмӯи воситаҳо, усулҳо ва муносибатҳое мебошад, ки фаъолияти соҳибкориро танзим ва ҳавасманд мегардонад. Такмили он дар бахши аграрӣ бояд ба самтҳои зерин, баланд бардоштани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва сармоягузорӣ равона гардад. Зарур аст, ки низоми қарздиҳӣ ва дастгирии молиявии хоҷагиҳои истеҳсолӣ содатар ва шаффофтар гардад, инчунин лоиҳаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ тавассути барномаҳои давлатии имтиёзнок дастгирӣ шаванд.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки ҳамкории муассир байни илм, истеҳсол ва маориф яке аз механизмҳои асосӣ барои рушди соҳа маҳсуб меёбад, зеро пайвастани донишгоҳҳо, марказҳои тадқиқотӣ ва соҳибкорони аграрӣ ба ҳамдигар барои татбиқи таҷрибаҳои илмӣ ва инноватсионӣ метавонад ба рушди босуръати соҳа мусоидат намояд.

Дар умум, такмили механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ ба таъсиси муҳити мусоиди соҳибкорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва рушди деҳот мусоидат мекунад. Ин раванд на танҳо ба афзоиши маҳсулоти дохилӣ, балки ба таҳкими амнияти иқтисодии кишвар низ таъсири мусбат мерасонад.

Бо назардошти аҳаммияти стратегӣ доштани соҳаи кишоварзӣ барои иқтисоди Тоҷикистон, татбиқи чунин ислоҳот яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ бояд ҳамчун омили калидии таъмини иқтисодиёти миллӣ бо заминаи мустаҳками инноватсионӣ ва иҷтимоӣ пазируфта шавад.

Бо дарназардошти аҳаммияти стратегии ин равандҳо барои рушди устувори иқтисоди миллӣ, мавзӯи мавриди таҳқиқ ҷавобгӯи талаботи замони муосир буда, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Он метавонад ҳамчун асос барои таҳияи стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва моделҳои нави дастгирии соҳибкории истеҳсолии рақобатпазир дар бахши аграрии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда, ки дар он оиди рушди назария ва коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисоди

Тоҷикистон муаяйн карда шудааст, кофӣ ва асоснок буда, миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1) дар диссертатсия бо такя ба андешаҳои гуногуни муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, мафҳуми иқтисодии соҳибкорӣ ва ҷанбаҳои он дар муносибатҳои аграрӣ таҳлил гардида, моҳияти иқтисодии он бо талаботи замони муосир муайян шудааст. Ҳамчунин, механизми такмилёфтаи ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисоди Тоҷикистон ва хусусиятҳои он дар соҳа асоснок гардидааст;

2) аз ҷониби муаллиф таҳлили вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии Тоҷикистон (2018–2023) ва муқоисаи он бо таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ анҷом дода шуда, модели соҳибкории оилавӣ барои шароити муосир мувофиқтар ва самараноктар асоснок шудааст. Инчунин, муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ муайян ва ба гурӯҳҳои умумӣ ва махсус вобаста ба минтақаҳои кишвар ҷудо намудааст. Бо назардошти ин омилҳо, амсиласозии иқтисодӣ-риёзии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ иҷро гардида, натиҷаҳо имконият медиҳанд дурнамои ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ то соли 2035 илман асоснок гардад;

3) дар диссертатсия самтҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии соҳибкорӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии субъектҳои истеҳсолии аграрӣ муайян карда шуда, бо такя ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта марҳилаҳои такмили механизми иқтисодии соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ асоснок гардиданд;

4) муҳақиқ дар диссертатсия тадбирҳои мушаххасро асоснок намудааст, ки онҳо ба мукамалгардонии механизми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, муаллиф роҳҳои экстенсивӣ ва интенсивии рушди бахши кишоварзиро бо назардошти маҳдудиятҳо ва имкониятҳои онҳо баҳодиҳӣ намуда, гузариш ба рушди дақиқро пайгирӣ карда, дар ин замина намунаи мушаххасгаштаи механизми мукаммали дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолиро дар бахши аграрӣ мутобиқ ба шароити муосири хоҷагидорӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ таҳия ва пешниҳод намудааст.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда

Дар диссертатсия муаллиф таъкид менамояд, ки дар шароити муосир соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт бояд ба меъёрҳои истеҳсолоти инноватсионӣ мутобиқат намояд. Ин навъи истеҳсолот, ки дар

заминаи омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ шакл мегирад, имкон медиҳад, ки раванди такрористеҳсоли ҷамъиятӣ самаранок таъмин гардида, вазифаҳои умумии иқтисодӣ, эҷодию ҷустуҷӯӣ (инноватсионӣ), захиравӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ иҷро гарданд.

Ҳамзамон, муаллиф аз таҳқиқоти илмию назариявии муҳаққиқони дохилию хориҷӣ доир ба соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ба таври муассир истифода бурдааст. Илова бар ин, маълумоти оморӣ, гузоришҳои конфронсҳои байналмилалию ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва маводи сохторҳои илмию таҳқиқотӣ ҳамчун манбаъҳои муҳим истифода шудаанд. Ҳисоботи ташкилотҳои байналмилалӣ низ барои ғанӣ гардонидани таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Муаллиф барои ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ маҷмӯи усулҳои илмиро, аз ҷумла таҳлили системавӣ, мантиқӣ, сохторӣ ва функсионалӣ, инчунин усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия ба кор бурда, хулосаҳои илмии худро пешниҳод намудааст. Дар асоси услуби хронологии муайян, шаклҳо ва намудҳои гуногуни соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт, гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Ҳамчунин, муаллиф механизмҳои ташаккулию иқтисодии мусоид барои рушди соҳибкории истеҳсолиро таҳия намуда, истифодаи самараноки иқтидорҳо ва захираҳои мавҷуда, интихоби дурусти самтҳои афзалиятнок ва таҳлили вазъи кунунии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ низ ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд.

Барои арзёбӣ ва таҳлили вазъи воқеии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт муаллиф аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти мамлакат, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ, вазоратҳои марбута, инчунин гузоришҳои таҳлилии Бонки ҷаҳонӣ, Бонки рушди Авруосиё ва Бонки байналмилалии таҷдид ва рушд истифода намудааст.

Омӯзиши мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф ба таври заруӣ аз манбаъҳои илмӣ кор гирифта, далелҳои омориро мустақилона ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил кардааст. Сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада аз дурустии маълумот, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, таҳлили оморӣ ва нашри натиҷаҳо шаҳодат медиҳад. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳқиқоти назариявию амалӣ баён гардидаанд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он барои баланд бардоштани самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорон мусоидат менамояд. Пешниҳодҳои таҳқиқотӣ ба такмили механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ, беҳтар шудани қонунгузорӣ, ташкили дастгирии давлатӣ ва таҳияи стратегияи рушди устувор дар ҳамаи минтақаҳои кишвар мусоидат мекунанд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонанд дар кори вазорату идораҳо барои муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт истифода шаванд. Онҳо ҳамчунин барои таҳкими устувории молиявии субъектҳои соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки захираҳо аҳаммияти амалӣ доранд.

Илова бар ин, натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун маводи таълимӣ дар фанҳои иқтисодӣ, аз ҷумла «Назарияи иқтисодӣ», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Микроиқтисод» ва «Ташкил ва банақшагирии истеҳсолот» истифода шаванд.

## 6. Мазмуни кори диссертатсионӣ

Сохтори кори диссертатсионӣ гузориши мақсад ва алоқамандии онро тасдиқ мекунад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳод ва рӯйхати адабиёт иборат аст, 200 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, бо 28 ҷадвал, 21 расм ва 10 диаграмма анҷом ёфтааст.

Дар муқаддима мубрамӣ ва интихоби мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи коркарди илмии проблемаи баррасишаванда инъикос ёфтааст, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидааст, асосҳои назариявӣ ва методологӣ дарҷ шуда, навгониҳои илмии натиҷаҳои бадастомада нишон дода шудааст, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда оварда шуда, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии он дарҷ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои назариявию услубии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт»,** ҷанбаҳои назариявии рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт асоснок карда шуда, равишҳои гуногун доир ба рушди механизми соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт вобаста ба омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва масъалаҳои мутобиқсозии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки барои кишварҳои дар марҳилаи рушди иқтисодӣ қарордошта, ба хусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ба як омили муҳим ва ҳалкунанда барои таъмини устувории иқтисоди миллӣ ва пешрафти соҳа табдил ёфтааст. Ташаккул ва тақвияти соҳибкории истеҳсолӣ ба рушди истеҳсолот ва кумак ба муваффақиятҳои иқтисодӣ, инчунин беҳтар кардани устувории соҳаи аграрии кишвар мусоидат мекунад. Дар шароити таърихии кунунӣ ин раванд метавонад барои таъмини устувории иқтисодии мамлакат, инчунин афзоиши истеҳсолот аз ҳисоби ташаккули соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ нақши муҳим бозад (саҳ. 16).

Дар қисмати назариявии диссертатсия муаллиф ба самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ, марҳилаҳои консептуалии фаҳмиши он диққати махсус равона намудааст. Инчунин, дар доираи омӯзиши таҳаввули назарияҳову идеяҳои пажуҳишгарону коршиносони соҳаи иқтисодӣ вобаста ба мафҳуми «соҳибкорӣ», «соҳибкории истеҳсолӣ», «соҳибкорӣ дар соҳаи агарарӣ» аз нуқтаи назари таърихӣ ва хронологӣ онҳоро хеле хуб гурӯҳбандӣ намудааст (саҳ. 27).

Андешаҳои олимону мутахассисонро оид ба мафҳумҳои соҳибкорӣ ва соҳибкор баррасӣ намуда, муаллиф чунин қайд кардааст, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ба фаъолияти ташаббускорона ва эҷодии як ё якчанд гурӯҳи одамон ишора мекунад, ки мақсадашон роҳандозии самараноки фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ барои аҳолӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дар ниҳоят, ба даст овардани натиҷаҳои молиявии мусбӣ мебошад. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт ҳамеша ба раванди муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсир мерасонад, чунки он ҳамчун як ҷузъи асосии низоми истеҳсолӣ ва иқтисодӣ бо такрористеҳсолии васеъ ва рушди муназзами кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳои марбут ба кишоварзӣ пайвандӣ дорад (саҳ. 38).

Муаллиф дар саҳифаи 44 диссертатсия фаъолияти соҳибкориро аз рӯйи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ намудааст. Инчуни дар саҳифаи 47 шаклҳои соҳибкориро вобаста ба намудҳои моликият ба қисматҳо ҷудо намуда, мавриди омӯзишу таҳлил қарор додааст, ки дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад.

Дар қисмати назариявии кор таҷрибаи кишварҳои пешрафта аз нигоҳи иқтисоди аграрӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд ва баъзе хусусиятҳои он барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт пешниҳод шудааст. Дар умум, омӯзиш ва баҳодиҳии таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ

гувоҳӣ аз он мекунад, ки барои инкишоф ва пешрафти соҳаҳои иқтисодиёти аграрӣ зарур меояд, ки аз ҳама гуна шаклҳои моликиятдорӣ ва хоҷагидорӣ истифода намоянд, яъне гуногуншаклии хоҷагидориро дар соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монанд (саҳ. 75).

Дар боби дуюми таҳқиқот «**Тамоюлҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ**», аз ҷониби муаллиф арзёбии вазъи рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва таҳлили муқоисавии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти аграрӣ баҳодиҳӣ карда шуда, омилҳои ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ таъсирбахш ошкор гардидааст.

Муаллиф дар қисмати таҳлилии кор шумораи субъектҳои соҳибкории бақайдгирифташуда дар соҳаи кишоварзӣ (шахсони хуқуқӣ) вобаста аз шакли моликият, ҳолат ва шакли таҳаввули хоҷагиҳо дар иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тамоюли тағйирёбии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар корхонаҳои кишоварзиро вобаста ба усулҳои гуногуни таҳлили мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаву пешниҳодҳои судманд аз натиҷаи таҳлил пешниҳод гардидааст.

Муаллиф дар диссертатсия хусусиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиётро дар асоси таносуб ва муқоисаи нишондодҳо вобаста ба иқтидор, миқёси сармояву бақайдгирии субъектони хоҷагидор муайян ва пешниҳод намудааст, ки дар доираи он амал кардани соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ. 91).

Дар диссертатсия соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири системаи иҷтимоию иқтисодии кишвар қайд гардидааст, ки он суръати рушди иқтисодӣ дар минтақаҳо ва инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисодро муайян мекунад, инчунин, аҳаммияти махсуси иҷтимоӣ дошта, масоили бекорӣ ва таъмини амнияти озуқавориро ҳаллу фасл мекунад (саҳ. 105). Муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса омадааст, ки дар шароити кунунии ҷумҳурӣ бахши соҳибкорӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт омили муҳимми пешбарандаи иқтисодиёт, таъмини қисми бештари аҳолӣ ба шуғл, воситаи муассири таъмини амнияти озуқаворӣ ва қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба ҳисоб меравад (саҳ. 108).

Инчунин, муаллиф масъалаи тақсимоти корхонаю ташкилотҳо аз рӯйи шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ, шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд, заминҳои кишоварзӣ дар масоҳати умумии заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, масоҳати кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҳама категорияи субъектҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, динамикаи истеҳсоли МУК дар ҳама категорияи субъектҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди ягонаи

давлатии замин ва динамикаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заминҳои таъйиноти кишоварзии Тоҷикистон ва тағйирёбии он, инчунин, тамоюли тағйирёбии заминҳое, ки аз гардиши кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ баромадаанд мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, хулосаву тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст (саҳ. 110-116).

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда муаллиф қайд мекунад, ки мушкилоти асосӣ дар ин самт, то ҳол зиёд будани шумораи хоҷагиҳои барҳамхӯрдашуда боқӣ мемонад, зеро агар ба соли 2023 назар афканем назар ба соли 2015-ум шумораи соҳибкороне, ки фаъолияти худро барҳам додаанд, ба андозаи 12,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Барои ҳамин, бояд нисбати ин масъала чораҳои мушаххас аз ҷониби масъулон андешида шавад (саҳ. 119).

Ба ин андешаи муаллиф розӣ бояд шуд, солҳои охир вобастагии байни соҳибкории истеҳсолӣ бо бахши аграрии иқтисодиёт то рафт зиёд гардида истодааст. Ба назари мо, ин вобастагии байни ду бахши муҳимми иқтисодиёт ба он оварда мерасонад, ки аввалиндараҷа бозори истеъмолии кишвар ба молу маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин гардида, амнияти озуқавории мамлакат иҷро карда шавад, инчунин шумораи субъектҳои соҳибкорӣ афзоиш ёфта, сатҳи бекорӣ коҳиш дода мешавад. Соҳаи аграрии иқтисодиёт дар ин давраи зудтағйирёбандаю дигаргуниҳои иқтисодиёт аз рушду инкишофи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва муносибатҳои бозорӣ хеле ақиб мемонад (саҳ. 121).

Муаллиф, омӯзиш ва таҳлили омилҳоро анҷом дода, қайд мекунад, ки таҳлили омилҳо ба мо имкон медиҳад, ки таҳдиду имкониятҳои эҳтимолии соҳибкориро дар бахши кишоварзӣ муайян карда, стратегияҳои самараноки рушд таҳия ва барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва муваффақият дар ин бахши иқтисод қарорҳои асоснок қабул карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар диссертатсия барои баҳодиҳии сатҳи таъсири омилҳо амсилаи иқтисодӣ-математикии бисёромилаи регрессионӣ-коррелиятсионӣ истифода карда шуда, дар доираи шаш омили таъсиррасон ба натиҷаи асосӣ амалӣ карда шудааст, ки бо ёрии он метавон дурнамои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро аз ҳисоби соҳибкории аграрӣ анҷом дод (саҳ. 125).

Дар боби сеюми диссертатсия **«Самтҳои такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ»** масъалаҳои рушди механизми ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор дода шуда, инчунин, такмили механизми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт асоснок карда шудааст.

Дар ин боби ҷамъбастӣ, аз ҷониби муаллиф зикр гардидааст, ки механизми ташкили иқтисодии соҳибкорӣ, ин пеш аз ҳама, маҷмуи усулҳои ташкили ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ оид ба ташаккулёбӣ ва идоракунии маҷмуи муносибатҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва амалӣ намудани он дар сатҳи гуногуни субъектҳои хоҷагидорӣ фаҳмида мешавад (саҳ. 136).

Муаллиф, унсурҳои асосии механизми ташкилӣ-иқтисодии соҳибкории истеҳсолиро дар соҳаи аграрӣ мавриди омӯзиш қарор дода, барои амалишавии он модели муайянро тариқи расм пешниҳод намудааст, ки аз нигоҳи илмӣ дорои аҳаммияти амалӣ мебошад (саҳ. 139).

Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки замони он расидааст, ки як қатор вазорату идораҳои соҳавӣ, аз қабили Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати кишоварзӣ ба тариқи низомнома як зумра чорабиниҳои паҳлуҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодидоштаро дар деҳоти кишвар барои ташаккули раванди соҳибкорӣ аз диди нав омода намуда, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намоянд. Чунки хоҷагиҳое, ки дар бахши кишоварзӣ фаъолият доранд, имрӯз ба ғайри хоҷагиҳои аҳолӣ дар замини наздиҳавлигӣ низ маҳсулот истеҳсол намуда, шакли иҷораи ташкили меҳнатро ба роҳ намонда, фаъолияти соҳибкориро пеш мебаранд (саҳ. 142). Инчунин, муаллиф қайд мекунад, ки аз ҳисоби фонди маблағгузорӣ барои дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ ё фонди дастгирии соҳибкорӣ, пеш аз ҳама, ба таъмини як қатор воситаҳо ва иншооти ба раванди соҳибкории кишоварзӣ, аз ҷумла, хариди механизмҳои обтаъминкунии сохтори иншооти муҳофизатии нигоҳдории онҳо равона карда шавад (саҳ. 148).

Муаллиф бо асоси илмӣ нишон медиҳад, ки барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва стратегияи дурусти идоракунӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ин нуқта ҳамчун асоси амалии таҳқиқот арзиши баланд дорад.

Дар диссертатсия дарҷ шудааст, ки самаранокӣ дар соҳаи кишоварзӣ шакли ифодакунандаи иродаи молистеҳсолкунандаи кишоварзӣ буда, нишондиҳандаи натиҷаи муфид аз истифодаи воситаҳои истеҳсолот, маблағҳои пулӣ сарфакардашуда ва меҳнати зиндаро дарбаргирифта мебошад, ки ин андешаи муаллифро ҷонибдорӣ намудан дуруст аст.

Бо истинод ба Илин С.С. ва Энгелсчард, муаллиф собит месозад, ки омилҳои инсонӣ (ташкилӣ, идоракунӣ, ҳавасмандгардонӣ) аз ҳама муҳимтарин омилҳо барои афзун намудани самаранокӣ мебошанд. Ин мавқеъ ба таҳқиқоти классикӣ такя карда, ҷанбаи назариявии муҳимми диссертатсияро ташкил медиҳад (саҳ. 147).

Муаллиф нақши санадҳои стратегиро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла, консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008) ва барномаи

ислоҳоти кишоварзӣ (2012–2020) нишон дода, исбот меорад, ки ин санадҳо барои беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, рушди технология ва дастгирии бахши хусусӣ заминаи муҳим фароҳам овардаанд. Ин баҳогузорӣ ҷанбаҳои амалии таҳқиқотро пурзӯр мекунад.

Дар кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф як қатор пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили самаранокӣ, ба монанди беҳтар намудани ҳавасмандгардонии меҳнат, боло бурдани савияи техникиву технологӣ, омодасозии кадрҳои соҳибмаҳорат, ҷалби сармоягузорӣ, дастгирии давлатии субъектҳои истеҳсолии аграрӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ роҳандозӣ гардидааст. Ин пешниҳодҳо ҷанбаи амалӣ ва навовариҳои таҳқиқотро таъмин мекунанд.

Муаллиф бо истифода аз таҳлили назариявӣ, оморӣ ва сиёсати давлатӣ собит менамояд, ки самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии Тоҷикистон ба омилҳои инсонӣ, технологӣ ва ташкилӣ сахт вобаста мебошад. Истифодаи далелҳои муътамад, таҳлили ҷадвалҳо ва пешниҳоди роҳҳои амалӣ диссертатсияро пурмазмун ва арзишманд мегардонад.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ муқаррароти асосии таҳқиқот оварда шуда, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои назариявию амалии диссертатсия асоснок гардидаанд.

## 7. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ҳамзамон дар диссертатсия баъзе норасогиҳои алоҳида ва андешаҳои баҳсталаб низ мавҷуд мебошанд, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар таҳқиқот амсилаи ягонаи назариявӣ ва амалии механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории аграрӣ пурра ташхис ва асоснок карда нашудааст. Мазмуни илмии кор беҳтар мегардид, агар муаллиф чунин амсиларо бо пешниҳоди унсурҳо ва робитаҳои онҳо таҳия менамуд;

2. Аз ҷониби муаллиф дар кори диссертатсионӣ идоракунии таваккал ва хавфҳои иқтисодӣ дар соҳаи соҳибкории аграрӣ баррасӣ шудааст. Агар, механизми амалии идоракунии таваккал бо истифода аз амсилаҳои иқтисодӣ таҳия ва нишон дода мешуд, мазмуни таҳқиқот ғанитар мегардид;

3. Мазмун ва мундариҷаи кор беҳтар мегардид, агар муаллиф дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар асоси омилҳои берунаи иқтисодӣ ва иқлимӣ бо истифода аз амсилаҳои иқтисодӣ-риёзӣ дар таҳқиқот чуқуртар арзёбӣ менамуд;

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумотҳои таҳлилшаванда як давраи муайянро дар бар намегиранд. Хуб мешуд, агар муаллиф ҳангоми

таҳлили нишондиҳандаҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ як давраи муайянро ба назар мегирифт;

5. Муаллиф агар дар зербоби 3.2. нишондиҳандаҳои (индикаторҳо)-и баландбардории самаранокии иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиётро ҳисоб менамуд, сифати кори диссертатсионӣ баландтар мегардид. Инчунин ба чунин ҷанбаҳои баланд бардоштани самаранокии соҳибкории кишоварзӣ ба монанди такмили технология ва механиконидани истеҳсолот, истифодаи оқилонаи захираҳо, такмили идоракунӣ ва банақшагирии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои сабз, беҳбуд бахшидан ба хизматрасониҳои ветеринарӣ ва агротехникӣ диққати зарурӣ дода нашудааст;

6. Бояд қайд намуд, ки такмили механизми дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт ба масъалаҳои беҳтарсозии системаи маблағгузорӣ ва қарздиҳии имтиёзнок, дастгирии технологӣ ва навовариҳо, рушди суғуртаи кишоварзӣ, ташкили кластерҳо, баланд бардоштани иқтидори кадрӣ ва монанди инҳо вобастагии зич дорад. Бинобар муаллиф бояд ба масъалаҳои номбаршуда диққати махсус медод.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳо ва норасоиҳои номбаршуда аҳаммияту қимати илмию амалии таҳқиқотро паст намекунанд. Сохтори диссертатсияи пешниҳодгардида аз нуқтаи назари мантиқи дуруст буда, он дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Саидзода Қ.С. натиҷаи фаъолияти мустақилона ва баитмомрасидаро нишон медиҳад.

## 8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Муқаррароти асосии диссертатсия дар 22 корҳои илмӣ-амалӣ, аз онҳо 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, 13 мақола дар маҷаллаҳои махсусгардонидашуда ва маҷмӯаи корҳои илмӣ, маводи конференсияҳои байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

## 9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, баён гардидаанд.

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

## 10. Хулосаи ҷамъбастӣ

Дар умум, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи “Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)”, аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур Саидзода Қурбоналӣ Саид дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор дониста шавад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи менеҷменти Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Аминов И.

Имзои Аминов И.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.
«18» 11 соли 2025

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14
Тел.: (+992) 927709825, E-mail: i_aminov@mail.ru